**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, бинои асосӣ, ошёнаи 4, толори диссертатсионӣ, почтаи электронӣ: 6D.KOA-012@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 2348434)**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – Рустамзода Фитрат Музафар, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография аз ҷумла бандҳои: 1.1. –Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; таомули қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; ташаккули сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии (стартегия)-и давлат; қонунмандиҳои ҷаҳонишавии иқтисоди байналмилалӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои миллӣ-давлатӣ; 1.4. – назарияи иқтисоди тағйирёбанда ва тағйирёбии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити муосир таҳқиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани роҳҳои самараноки танзими онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми илми иқтисод ба шумор меравад. Рушди устувори иқтисодӣ бидуни таъмини

манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои шуғл ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, омӯзиши муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва механизмҳои танзими онҳо аҳаммияти назаррас дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки гузариш аз низоми иқтисоди накшавӣ ба муносибатҳои бозорӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид. Тағйироти сохтории иқтисодӣ, тағйирёбии муносибатҳои моликият, ташаккули бозори меҳнат ва пайдоиши шаклҳои нави шуғл ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ бо чунин мушкилот рӯ ба рӯ гардида, зарурати ташаккули механизмҳои нави танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ба миён овард.

Дар тадқиқоти илмии пешниҳодшуда қайд карда шудааст, ки дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ масъалаҳои шуғл, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, даромади аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва мутобиқшавии қувваи корӣ ба талаботи бозори меҳнат аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Аз ин лиҳоз, такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ яке аз шартҳои муҳими таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

Ҳамзамон, аҳаммияти масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавқеи муҳим дорад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2024 таъкид шудааст: «Тайи даҳ соли охир ... ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт».

Бо дарназардошти тағйироти иқтисодию иҷтимоӣ ва зарурати мутобиқ намудани сиёсати меҳнатӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус касб менамояд. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрамии мавзуи диссертатсиониро собит менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро**, ба андешаи муқарриз, таҳлили ҳамаҷонибаи таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил

медиҳад. Муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва бозори меҳнатро мавриди таҳлил қарор дода, роҳҳои такмили танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро тавассути истифодаи равишҳои инноватсионӣ асоснок намудааст. Ба андешаи мо, дар шароити тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, заминаи консептуалии таҳқиқот унсурҳои зерини навгонии илмиро дар бар мегирад:

- роҳҳои мукаммалсозии танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо назардошти самтҳои корбурди ниҳодҳои марбутаи давлатӣ дар шароити нави дигаргуншавиҳои бозори меҳнат вобаста ба иноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ ба ҳадди зарурӣ возеҳ гардиданд;
- бо назардошти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили сохтории доираи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳамчунин санҷиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, дараҷаи мувофиқати онҳо ба шароити хоси бозори меҳнати Тоҷикистон ба таври возеҳ ошкор гардид. Дар ин росто, аз ҷониби муаллиф маҷмуи тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба татбиқи моделҳои самарабахштарин, ки ба воқеиятҳои институтсионалӣ ва иқтисоди миллӣ созгоранд, пешниҳод гардид.
- моделсозии дурнамо бо тарҳи нақшаи дарозмуддати банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташаккул дода шуда, самтҳои навсозии механизмҳои танзими давлатӣ муайян гардиданд. Моделҳои мазкур ба рушду инкишофи иқтисоди миллӣ мутобиқ гардида, бо талаботи рӯзафзуни бозори меҳнати кишвар дар шароити дигаргуниҳои сохторӣ ҳамоҳанг мебошанд.
- дар доираи баҳисобгирии навсозии институтсионалӣ равандҳои нав ва афзалиятноки механизмҳои бисёрсоҳавии танзими бозори меҳнат ошкор гардиданд. Дар ин васила пешниҳодоти мазкур ба парадигмаи нави сиёсати давлатӣ асос ёфта, ҷанбаҳои стратегии рушди устувори системаи иқтисоди миллиро ба назар мегиранд.

**Сохтор ва мундариҷаи кор**

Мундариҷаи диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоте, ки муаллиф дар назди худ гузоштааст, пурра мувофиқат менамояд. Дар кор масъалаҳои асосии марбут ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ пайдарпай ва мантиқӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои

пешниҳоднамудаи муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд ва бо таҳлилҳои анҷомдодашуда асоснок карда шудаанд.

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон – такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот вазъи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, хусусиятҳои бозори меҳнат, омилҳои ба рушди он таъсиррасон ва имконниятҳои такмили механизмҳои танзими давлатии онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва самараноктар намудани танзими бозори меҳнат аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Дар онҳо масъалаҳои асосии мавзуи таҳқиқот, натиҷаҳои таҳлил ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ баён гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар матни диссертатсия инчунин ҷадвалҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва дигар маводи таҳлилӣ истифода шудаанд. Сохтори кор пайдарҳам буда, мазмуни ҳар як қисмати он ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат менамояд.

**Дар муқаддимаи рисола** бамавридии мавзуи таҳқиқшаванда заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва таҷрибавӣ, мавзуъ ва объекти омӯзиш, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар расмиёти муайяншуда ва ҳимояшаванда қайд гардидааст. Ин бахши рисола аз дуруст ба расмиятдарории равандҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

**Дар боби якуми диссертатсия** ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ» ном дорад, ба омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи масъалаҳои бисёрсамти назариявӣ ва методологии фаъолияти бозори меҳнат бахшида шудааст. Дар ин бахш хусусиятҳои низомбандии муносибатҳои меҳнатӣ ва роҳҳои такмили онҳо дар шароити таҳкими инноватсияҳои илмию иқтисодӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Дар ин бахши рисола муаллиф ба асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, заминаҳои илмӣ ва назариявии ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ҳамаҷониба таҳлил кардааст. Натиҷаи омӯзиши

сарчашмаҳои илмӣ ба муаллиф имкон додааст, ки мавқеъҳои гуногуни назариявиро муқоиса намуда, хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян намояд. Дар баробари ин, равишҳои методологии таҳқиқи бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ баррасӣ гардида, имкониятҳои истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, мuҳтавои боби якум заминаи назариявию методологии таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам оварда, барои таҳлили вазъи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва арзёбии механизмҳои танзими онҳо дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия асоси зарурии илмӣ фароҳам месозад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ бозори меҳнат ба низоми бисёрқутба табдил ёфта, шаклҳои расмӣ ва ғайрирасмии шуғл дар он ҳамзамон амал мекунанд. Метавон гуфт, ки омилҳои таъсиррасон ба бозори меҳнат ҳам хусусияти мусбат ва ҳам манфӣ дошта, таъсири онҳо ба рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар боби мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ бозори меҳнати Тоҷикистон ба марҳалаи ҳассос ворид гардидааст. Аз як тараф, муҳоҷират имкониятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла воридшавии маблағ ва таҷрибаи навро фароҳам меорад (саҳ. 27).

Муаллиф дар давраи таҳқиқот бо муқоисаи моделҳои куҳна ва муосири танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тағйироти муҳимро дар ҳадафҳо ва усулҳои танзими бозори меҳнат нишон додааст. Аз таҳлили муқоисавии пешниҳодшуда бармеояд, ки дар модели куҳна таваҷҷуҳи асосӣ ба паст намудани сатҳи бекорӣ ва танзими маъмурии муносибатҳои меҳнатӣ равона гардида бошад, дар модели муосир ба таъмини меҳнати шоиста, рушди сармояи инсонӣ, шарикии иҷтимоӣ ва истифодаи ҳавасмандиҳои иқтисодӣ аҳаммияти бештар дода мешавад. Ба андешаи муқарриз, чунин муқоиса тағйироти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва самтҳои такмили онҳоро равшан нишон медиҳад. (саҳ. 43).

Муаллиф дар давраи таҳқиқот дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили равандҳои инноватсионии илмӣ ва иқтисодӣ тағйироти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро нишон додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки инноватсия на танҳо ба рушди технологияҳои нав, балки ба ташаккули шаклҳои муосири ташкили меҳнат ва баланд бардоштани самаранокии меҳнати зеҳнӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи муаллиф, рушди босуръати инноватсияҳои илмӣ-техникӣ яке аз омилҳои асосии дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Маводи мазкур нишон медиҳад, ки дар шароити муосир зарурати

такмили институтҳо ва механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба миён омадааст (саҳ. 45).

Дар идомаи таҳқиқот диққати асосӣ ба омӯзиш ва таҳлили бозори меҳнат, хусусиятҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва паҳлуҳои назариявию методологии онҳо равона гардидааст. Ҳамзамон, масъалаи банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба рушди инноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин қисматҳо кӯшиш намудааст, ки робитаи тағйироти бозори меҳнат, равандҳои инноватсионӣ ва механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро асоснок намояд.

**Дар боби дуюм** – «Ҳолати муосир ва самтҳои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – муаллиф ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва омилҳои ба рушди онҳо таъсиррасон диққати асосӣ медиҳад. Дар зербоби якуми ин боб динамикаи рушди муҳити иҷтимоӣ ва накши он дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки тағйироти демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вазъи шуғл, сатҳи даромади аҳолӣ, шароити меҳнат ва дигар унсурҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Дар зербоби дуюм ҳолати имрӯзаи раванди банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири омилҳои иқтисодӣ ба рушди онҳо таҳқиқ карда шудааст. Дар ин қисмат омилҳои асосии таъсиррасон ба бозори меҳнат, тағйироти сохтории иқтисод, сатҳи шуғлу бекорӣ, вазъи даромади аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз маълумоти оморӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои динамикӣ кӯшиш намудааст, ки тамоюлҳои асосии рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро муайян ва мушкилоти мавҷудаи соҳаро арзёбӣ намояд.

Дар зербоби сеюм масъалаи истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти рушди иқтисоди миллӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф таҷрибаи кишварҳои алоҳидаро таҳлил намуда, имкониятҳои истифодаи унсурҳои мусбати онро бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ба андешаи муқарриз, чунин муносибат барои муайян намудани самтҳои самараноки такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар маҷмуъ, боби дуюм бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ, оморӣ ва арзёбии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ заминаи заруриро барои муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ фароҳам овардааст. Мазмун ва натиҷаҳои таҳлилии боб барои таҳияи пешниҳодҳои минбаъда оид ба такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Муаллиф дар рисолаи илмии худ қайд менамояд, ки афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҷалби қувваи корӣ ба бозорҳои меҳнати хориҷӣ ба сохтори шуғл ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонад. Метавон гуфт, ки дар чунин шароит дар бозори меҳнати дохилӣ фарқиятҳои ҷинсӣ ва касбӣ дар сатҳи шуғл ба назар мерасанд. Аз ҷумла, шумораи мардон дар вазифаҳои роҳбарикунанда нисбат ба занон қариб 4 маротиба зиёд буда, дар байни мутахассисони дараҷаи олӣ 1,5 маротиба ва коргарони ихтисосноки соҳаи саноат 6,7 маротиба бештар мебошад. Дар ин замина, муаллиф таъсири муҳоҷирати меҳнатиро ба вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ низ мавриди таҳлил қарор дода, нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷиронро дар таъмини зиндагии хонаводаҳо ва дастгирии иқтисоди кишвар муҳим арзёбӣ менамояд. Ба андешаи мо, дар шароити вобастагии қисми зиёди хонаводаҳо аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирон, ба инобат гирифтани омили муҳоҷират ҳангоми баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аҳаммияти муҳим дорад (саҳ. 64).

Диссертант барои баррасӣ ва таҳлили вазъи иҷтимоию меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти давраи зиёда аз 15 соли охирро истифода бурдааст. Маводи ҷамъовардашуда асосан барои солҳои 2010–2025 ба таври муқоисавӣ таҳлил гардида, дар баробари ин, барои муайян намудани тамоюлҳои рушди соҳа нишондиҳандаҳои солҳои қаблӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунин усули таҳлил ба муаллиф имкон додааст, ки тағйироти асосии бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар давраи таҳқиқот муайян намояд. Аз ҷумла, бо такя ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ қайд шудааст, ки дар солҳои 2005–2010 беш аз 98 фоизи муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Россия рост меомад (саҳ. 67). Дар тадқиқоти илмии унвонҷӯ (саҳ. 86) таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти рушди иқтисоди миллӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ барои такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин замина, имкониятҳои муосири технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетӣ

барои дастрасӣ ба таҳқиқоти илмӣ, усулҳои муосири танзими бозори меҳнат ва табодули таҷрибаи байналмилалӣ ба таври васеъ баррасӣ шудаанд.

Ба андешаи мо, муҳимтарин ҷанбаи ин қисмати таҳқиқот кӯшиши мутобиқ намудани таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба шароити иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳар як модели шуғл ва танзими бозори меҳнат хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии худро дошта, таҷрибаи хориҷӣ бояд бо назардошти шароити миллӣ истифода гардад. Чунин муносибат метавонад барои такмили механизмҳои танзими бозори меҳнат ва муназзамсозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам оварад.

Дигар масъалаи муҳиме, ки дар доираи боби дуюми кор муаллиф мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст, ин омӯзиш ва мутобиқсозии таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин қисмат моделҳои англо-саксонӣ, сотсиал-демократӣ, корпоративӣ ва континенталӣ муқоиса гардида, имкониятҳои истифодаи унсурҳои мусбати онҳо дар бозори меҳнати кишвар баррасӣ шудаанд. Муаллиф ба зарурати мутобиқсозии таҷрибаи хориҷӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии Тоҷикистон таъкид намуда, чунин равишро яке аз самтҳои муҳими такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ арзёбӣ кардааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот таваҷҷуҳ ба чунин унсурҳои таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла таҳсилоти дуалӣ, шарикии сеҷониба, чандирии бозори меҳнат ва сармоягузорӣ ба рушди нерӯи инсонӣ зоҳир гардидааст, ки метавонанд барои такмили бозори меҳнати миллӣ аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Унвонҷӯ дар рисолаи номзадии худ нишон додааст, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ барои такмили бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад. Муаллиф моделҳои гуногуни танзими бозори меҳнат, аз ҷумла моделҳои англо-саксонӣ, сотсиал-демократӣ, корпоративӣ ва континенталиро мавриди муқоиса қарор дода, имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои мусбати онҳоро ба шароити миллӣ муайян кардааст. Дар ин замина, ба таҳсилоти дуалӣ, шарикии иҷтимоӣ, чандирии бозори меҳнат ва рушди нерӯи инсонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф таъкид менамояд, ки таҷрибаи хориҷӣ бояд на ҳамчун нусхабардории мустақим, балки бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. (саҳ. 85).

**Дар боби сеюм** – «Дурнамои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ» – муаллиф масъалаҳои марбут ба такмили минбаъдаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва самтҳои рушди онҳоро дар шароити тағйирёбии бозори меҳнат мавриди таҳлил қарор додааст. Дар зербоби якум роҳҳои мукаммалсозии тарҳ ва моделҳои муосири танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ баррасӣ шуда, ба зарурати мутобиқ намудани механизмҳои танзим ба шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар зербоби дуюм масъалаи ташаккули сохтори ҳифзи иҷтимоӣ тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф зарурати тақвияти ҳамкории давлат, корфармоён ва кормандонро дар самти ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ нишон медиҳад. Дар зербоби сеюм самтҳои такмили банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои мавҷудаи танзим ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи рушди иқтисоди миллӣ пешниҳод шудаанд. Дар маҷмуъ, боби сеюм дорои хусусияти амалӣ буда, барои асоснок намудани дурнамои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили сиёсати давлатии меҳнатӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Дар ин боби диссертатсия муаллиф тавассути таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва арзёбии вазъи кунунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ роҳҳои такмили механизмҳои танзими давлатии онҳоро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои таҳкими шарикии иҷтимоӣ, рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф барои такмили банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи рушди иқтисоди миллӣ як қатор самтҳо ва пешниҳодҳои мушаххасро асоснок кардааст. (с. 125).

Диссертант дар кори илмии худ нишон додааст, ки дар шароити имрӯза барои такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи нави иқтисодӣ як қатор тадбирҳои амалӣ заруранд. Аз ҷумла, пешниҳод намудани «Консепсияи миллии рушди муносибатҳои меҳнатӣ то соли 2040» бо дарназардошти афзалияти меҳнати инноватсионӣ ва рақамӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳуқуқ ва кафолатҳои иҷтимоии кормандони фосилавӣ, инчунин дастгирии давлатии модели «таҳсилоти дуалӣ» тавассути фароҳам намудани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои иштироккунанда муҳим арзёбӣ шудаанд.

**Дар қисмати хулосавӣ** тавсияҳо ва пешниҳодҳои асосӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст.

Дар интиҳои диссертатсияи илмӣ феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 285 номгӯй оварда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида аз натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода бармеоянд ва бо таҳлили масъалаҳои назариявию амалӣ асоснок шудаанд. Муаллиф ба он хулоса омадааст, ки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити муосир ба такмили механизмҳои танзими давлатӣ ниёз дошта, нақши давлат бояд на танҳо ба назорат, балки бештар ба фароҳам овардани шароити мусоид ва истифодаи ҳавасмандгардониҳои иқтисодӣ равона карда шавад.

Дар тадқиқот таъсири рақамикунонӣ ба бозори меҳнат низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, истифодаи платформаҳои рақамӣ ҳамчун яке аз воситаҳои ошкор ва ба низоми расмӣ ворид намудани шуғли пинҳонӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, муаллиф нобаробарии минтақавиро аз ҷумлаи омилҳои таъсиррасон ба вазъи бозори меҳнат арзёбӣ намуда, фарқияти имкониятҳои шуғл ва муҳити кориро байни Душанбе ва минтақаҳои кишвар нишон медиҳад.

Аз ҷумла, барои такмили танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ муаллиф қабули **«Консепсияи миллии рушди муносибатҳои меҳнатӣ то соли 2040»**, такмили Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳуқуқи кормандони фосилавӣ ва дастгирии модели **«таҳсилоти дуалӣ»**-ро пешниҳод менамояд. Ба андешаи муқарриз, чунин пешниҳодҳо ба талаботи рушди бозори меҳнат ва зарурати мутобиқ намудани он ба равандҳои рақамикунонӣ ва инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот инчунин бо истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва маводи таҳлилӣ таъмин мегардад. Муаллиф дар раванди таҳқиқот зиёда аз 280 номгӯйи адабиёти илмӣ, мақолаҳо, дастурҳо ва дигар сарчашмаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ истифода бурдааст. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои заминаи муайяни назариявию амалӣ бошанд.

Дар маҷмуъ, ба андешаи муқарриз, хулоса ва тавсияҳои диссертант бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат намуда, барои такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо** аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявию методологии омӯзиш ва такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ мукаммал менамоянд. Муаллиф ҷанбаҳои назариявии танзими бозори меҳнат, таъсири равандҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба бозори меҳнат, сиёсати иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Таҳқиқоти илмии мазкур ҳамчун замина барои коркардҳои назариявию методологии минбаъда оид ба такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат, таъсири равандҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ хизмат менамояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ғанӣ гардондани асосҳои назариявии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили равишҳои методологии таҳқиқи онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 9,5 ҷ.ч. буда, аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

## Хулоса

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари бартариҳои зикршуда баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки номбар кардани онҳоро мо зарур мешуморем. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия, махсусан ҳангоми баррасии моделҳои хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, фикру андешаҳо то андозае тавсифӣ

баён гардида, таҳлили амиқи муқоисавии имкониятҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ инъикос наёфтааст.

1. Дар рисола оид ба таъсири рақамикунонӣ ба бозори меҳнат ва истифодаи платформаҳои рақамӣ як қатор пешниҳодҳои муҳим ироа шудаанд, аммо асосноккунии баъзе нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳисобҳои пешбинишуда метавонистанд бо далелҳои оморӣ ва усулҳои мушаххаси иқтисодӣ бештар мустаҳкам карда шаванд.
2. Ҳангоми таҳлили вазъи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ масъалаи нобаробарии минтақавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, вале муқоисаи муфассали нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муайян намудани сабабҳои асосии ин фарқиятҳо метавонист натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам пурратар намояд.
3. Пешниҳоди таҳияи «Консепсияи миллии рушди муносибатҳои меҳнатӣ то соли 2040» аз ҷиҳати аҳаммияти амалӣ ҷолиби диққат мебошад, аммо дар диссертатсия сохтори эҳтимолии чунин санад, марҳилаҳои татбиқ ва механизмҳои арзёбии натиҷаҳои он метавонистанд мушаххастар нишон дода шаванд.
4. Дар баъзе ҷойҳои матни диссертатсия ҳолатҳои такрори фикрҳо ва мавқеъҳои назариявӣ ба назар мерасанд, ки дар сурати бозбинӣ ва ихтисор намудани онҳо матни илмӣ боз ҳам фишурда, мантиқӣ ва равон мегардид.
5. Дар рисола баъзе хатогиҳои ороишӣ ва ҷумлаҳои таҳрирталаб вомехӯранд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти амалӣ ва назариявии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур кори ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб ёфта, навгониҳои илмиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои нашркардаи муаллиф таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро таҷассум мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар татбиқи механизмҳои муосири танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, такмили сиёсати давлатии шуғл, рушди бозори меҳнат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот ҳамчунин метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, муассисаҳои марбутаи соҳаи меҳнат, корхонаҳо ва ташкилотҳо ҳангоми таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

барномаҳо ва чорабиниҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, сохтор, дараҷаи таҳлил ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон
ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ Рустамзода Фитрат Музафар

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
E-mail: fitrat_f@mail.ru , (992) 935392020
“____” __________________ соли 2026

Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45
Дурустии имзои н.и.и., дотсент Рустамзода Ф.М.- ро тасдиқ менамоям.
Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
E-mail: tguk.tj Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 935392020
“____” __________________ соли 2026